«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» профессор Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло
________________
«27» ноябри 2018

# ХУЛОСАИ
# МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Нуров Нуралӣ Норович таҳти унвони **«Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Нуров Нуралӣ Норович соли 1996 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро бо ихтисоси муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Солҳои 1996-1999 таҳсилро дар аспирантураи донишгоҳи мазкур идома дода, соли 2002-ум рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Маърифат ва шарҳи ашъори Бедил» таҳти роҳбарии профессор Абдуманнони Насриддин ба дифоъ расонидааст.

Рисолаи диссертатсионӣ ба таҳқиқу баррасии поэтика ғазалиёти Мирзо Абдулқодори Бедил ва саҳми арзишманди ин суханвари бузурги адабиёти тоҷик дар инкишофи жанри ғазал бахшида шудааст.

Мушовири илмӣ –Директори институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор Салимӣ Носирҷон Юсуфзода.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи “Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

Рисолаи доктории Нуров Нуралӣ таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад ки арзишҳои муҳими назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Аҳамияти пажӯҳишии мавзӯи рисола дар он дар он нақш ва мақоми Абулмаъонии Бедил дар ташаккули сохториву мавзӯӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии ғазал дар адабиёти тоҷик изҳори назар шудааст. Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта муқаррар гардидааст, ки падид омадани услуби хоси бедилӣ аз рӯзгори шоир то имрӯз равишҳои махсуси шинохт ва таҳқиқи шеъри шоирро чи дар муҳити фарҳангиву адабии форсӣ ва чи дар моварои ин қаламрав ҳастӣ бахшид.

Диссертант дар ҷараёни таълифи диссертартсия таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои назариву адабии поэтикаи ашъори Бедил, таъсири Бедил аз суханварони гузашта ва такмили суннатҳои хоси адабиёти гузашта ва таъсиргузорӣ ба пасовандон хеш, сохторшиносии ғазал ва поэтикаи забон, мазмунсозиву маънигузорӣ, тасвирпардозӣ ва таҳаввули маъноии вожагон дар коргоҳи хаёли Бедил ва амсоли инро аз ҷумлаи ҳадафҳои аслии тадқиқоти хеш қарор додааст.

Асоси назарӣ – амалии усулҳои таҳқиқи рисола шеваи таҳлили муқоисавӣ – таърихӣ мебошад. Ҳамчунин зимни таълифи рисола аз усулҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ, чун Э. Бертелс, Э. Браун, Н. Пригарина, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдуҳаққи Бетоб, Ғуломҳасани Муҷаддадӣ, доктор Абдулғанӣ, Наби Ҳодӣ, Амир Ҳасани Обидӣ, Шафеии Кадканӣ, Алии Муаллим, Асадулло Ҳабиб, Абдулғафури Орзу, Садриддин Айнӣ, Расул Ҳодизода, Худои Шарифов, Субҳон Амирқулов, Абдунабӣ Сатторзода, Мирзо Муллоаҳмад, Абдуманнон Насриддинов, Носирҷон Салимӣ, Бобобек Раҳимзода ва дигарон истифода шудааст.

Дар рисола бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмуаи масъалаҳои мартуб ба бадеияти ашъори Бедил дар доираи як асари мустақил дар заминаи татбиқи меъёрҳои поэтикаи форсиву ҳиндӣ ва

арабӣ мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Хоса, баҳсу баррасии сарчашмашиносии ҷанбаҳои назарии поэтикаи ашъори Бедил ва таҳқиқи масоили марбут ба поэтикаи забони ғазалиёти ӯ аз дидгоҳи татбиқи меъёрҳои балоғати ҳиндӣ дар шеъри форсӣ дар рисола бори аввал ба риштаи таҳқиқ гирифта шудааст. Вобаста ба ин, мафоҳими "забони шоирона" ва "поэтикаи забони шеър" дар асоси татбиқи ҳамин дидгоҳҳо ва меъёрҳои шеършиносии куҳани ҳиндӣ ба форсӣ мавриди баррасӣ қарор дода ҳуда, дар ин ҷода масъалаҳои вожаофаринӣ, вожасозӣ, сарчашмаҳои зуҳур ва ҷойгоҳи вожаҳои хос дар коргоҳи хаёли шоир, тасвирсозӣ, бозтоби шоиронаи матолиби фалсафӣ, ахлоқӣ, ҳикамӣ ва амсоли ин таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Диссертант дар заминаи тадқиқи матолиби меҳварии рисола иқдом бар он низ намуда, ки калимаву иборот ва тарокиби калидӣ, забони ашъори шоирро ҳамчун рукни муҳими маърифати шеър арзёбӣ намояд. Шарҳу басти аксари истилоҳоти хосаи фалсафӣ ва ирфонӣ, мафоҳим ва вожагони ифодакунандаи дигар ашё ва ҳатто воситаҳо бар асоси диду назари худи Бедил, ки дар девони вай бо шеваҳои шоирона сурат гирифтааст, таснифу табақабандии ибораву таркиботи шоирона аз нахустин кӯшишҳо дар шинохти ҳунари шоирии Бедил ва муқаррар намудани усулҳои танзими фарҳанги таъбирот ва таркиботи шеъри ӯ, инчунин таҳияи фарҳанги тафсирии истилоҳ, таркиб, мафоҳим бар асоси шуруҳи шоироанаи мавҷуд дар таркиби девони Бедил маҳсуб мегардад.

Дар диссертатсия масъалаи такмили вежагиҳои муҳими жанри ғазал аз ҷониби Бедил ва саҳми бузурги вай дар инкишоф ва таҳаввули маъноиву сохторӣ ва ҳунарии ин навъи шеърӣ изҳор назар шуда, ҳамзамон нақш ва таъсири Абулмаъонӣ дар эҷоди мактаби хосаи шоирӣ, ки дар қаламрави Фароруд бо номи мактаби пайравони Бедил маъруфият касб намудааст, бар пояи меъёрҳои илмиву адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Бар ин асос, рисолаи мазкур дар

таъмини холигоҳи таҳқиқот дар самти вежагиҳои ҳунарии ғазалиёти Бедил, таъйини омилҳо ва асосҳои таҳия ва тадвини фарҳанги таъбир ва таркиботи шоиронаи девони Бедил ва шарҳу тафсири осори Бедил аз ҷумлаи кӯшишҳои нахустин ба шумор меравад.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Нуров Нуралӣ Норович «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 3 монография, 79 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар нашрияҳои илмии аз ҷониби КОА-и Вазорати маориф ва илми ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос гардидааст. Ҳамчунин, аз рӯи диссертатсия як Девони шоири мактаби пайравони Бедил- Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, як маҷмуаи “Садбарги ғазал”-и Мирзо Абдуқодири Бедил интишор ёфтааст. Мазмуни диссертатсия ҳамчунин дар шакли маърӯза дар бештар аз 30 ҳамоишҳои илмӣ роҷеъ ба масъалаҳои адабиёти классикии тоҷик дар кишварҳои Русия, Олмон, Ҳиндустон, Қазоқистон, Эрон, Ӯзбекистон, Бангладеш, Покистон, Тоҷикистон, инчунин конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ давоми солҳои (2009-2019) баён гардида, дар маҷмуаҳои ин конфронсҳо ба нашр расидааст.

Кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” диссертатсияи Нуров Нуралӣ Норовичро кори илмии бaанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба қалам омада, ба ҳама талаботҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология тавсия менамояд.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 5 доктори илми филология Хоҷаева Матлуба, Ғаффорова Умеда, Ғаффорова Замира, Ҳасанзода Абдуҷамол, Насриддинов Фахриддин, 12 нафар номзади илми филология (М.Ӯрунова, С.Саидов, Ш. Тоҷибоев, Ҳ. Зоиров, С., Мирзоев, М.Бобоева, Д.Ваҳҳобзода, М.Неъматова, С.Ӯзбеков, З. Қурғонов, Р. Абдуллоев, Ф. Қаюмова, М. Нуруллоева, ва 3 нафар муаллими калон (С.Азизов, А.Ҳоҷиев, Т.Ашрапова, иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" 20 нафар, "зид"- 0, "бетараф" -0.

Қарори №4 аз 23 ноябри 2018.

Раис,
мудири кафедраи адабиёти
классикии тоҷик Ӯрунова М.

Котиб Азизов С.

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
МДТ "ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Ашрапова Заррина